# ПРОТОКОЛ

## ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.

Аз 6.02.2015 №_7_ ш. Душанбе

Раискунанда: Мамадҷонов Ю.М. – Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Роҳбари гурӯҳ);
Иштирок намуданд: Каримов С. - Муовини Директори КВД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашию кофтукобӣ»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Гулов Т.Г.- Сардори Раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; Иброҳимов С.- Мудири Бахши ҳолатҳои фавқулоддаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Набиев Ҳ.- Ҳамоҳангсози корҳои мудофиаи граждании Дастгоҳи марказии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон; Саидов М.- Директори Маркази илмию тадқиқотии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тағоев О.- Мудири Бахши мониторинги барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тағойбеков А.- и.в. Сардори Маркази яхшиносии Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тағойбеков Ш.- Сардори Шуъбаи барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва амалӣ гардонидани они Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Азизов З.- Сардори КВД «Селмуҳофизат»-и Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қурбоналиев Ф.- Сардори Бахши аксбардорӣ-геологии КВ «Экспедитсияи гидрогеологии Ҷанубӣ»-и Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Камолов Ҷ.Ҷ.- Сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва худуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сайдуниев У. - сардори шуъбаи ҳамоҳангсозии барномаҳои ҲФ ҶҲАТ Самиев М.Б. - муовини сардори Маркази иттилоотию таҳлилии Кумита, Садриддинов А. – афсари калони Раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ, намояндагони Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳида И. Сафаров ва Усмонов И.Ҷ., намояндаи ЮНИСЕФ Абдуваҳобов П., намояндаи ташкилоти умумиҷҳонии тандурустӣ Сафаров А.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Муҳокимаи Масъалаи омодагӣ барои иштироки Ҳайати Платформаи миллӣ дар Конфронси сеюми умумиҷаҳонӣ дар шаҳри Сендай, Япония

2. Баррасии масъалаи таҳияи «Атласи хатарҳои офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
3. Баррасии масъалаҳои тавсияҳо барои шарикони барномаи ДИПЕКО-8;
4. Дигар масъалаҳо.

Ҷаласаи ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллиро Мамадҷонов Ю.М. –Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳусни ифтитоҳ бахшида, иштирокчиёни ҷаласаро бо мақсади ҷамъомад шинос намуд.

Қайд намуд, ки фаъолияти Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани офатҳои табиӣ барои омодагӣ ба Конференсияи сеюми умумиҷаҳонӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (моҳи марти соли 2015 Сендай, Япония) нигаронида бояд шавад.

Аз рӯи масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа дар бораи рафти тайёрӣ ба Конференсияи сеюми умумиҷаҳонӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (моҳи марти соли 2015 Сендай, Япония) Камолов Ҷ. баромад намуданд.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа Саидов М.- Директори Маркази илмию тадқиқотии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромад намуда, вобаста ба таҳияи «Атласи хатарҳои офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа аз номи шарикони барномаи ДИПЕКО-8 сардори шуъбаи ҳамоҳангсозии барномаҳои ҲФ ҶҲАТ Сайдуниев У. баромад намуда, оид ба таҳияи методологияи ягонаи тайёрӣ ва гузаронидани машқҳо бо наҷотдиҳандагони ихтиёрӣ пешниҳод намуд.

ДАР МУҲОКИМАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Мамадҷонов Ю. М., Каримов С.,Саидов М., Самиев М.Б., Камолов Ҷ.Ҷ., Қурбоналиев Ф.

Дар охир, раисикунанда Мамадҷонов Ю.М. –Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба масъалаи баргузории Конференсияи умумиҷаҳонии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ моҳи марти соли 20153, ташкил намудани сафари ҳайати Платформаи миллӣ ба Сендай, Япония, ҷалб намуда, ҳайати гурӯҳи экспертиро ҷиҳати омодагӣ ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои Платформаи миллӣ вазифадор намуд.

Баъд аз баромади раисикунанда ва котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Рафти таҳияи лоиҳаи Дастури барқарорсозӣ баъд аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул

дониста шуда, баррасии лоиҳаи он дар семинари миллӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад;

2. Ахбороти Саидов М.- Директори Маркази илмию тадқиқотии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи харитаи хатари ярчфароии «Атласи хатарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шуда, харитаи мазкур бо назардошти таклифу тавсияҳои гурӯҳи экспертӣ такмил дода шавад:

- Мавзеъҳои хатарноки ярчфароӣ аз руи категорияҳои таҳдиди хатарҳо: хатарноки ниҳоят баланд, хатарноки баланд, хатарноки миёна, кам хатарнок ва хатарнокӣ надошта дар харита минтақабандӣ карда шаванд;
- Дар харита нуқтаҳои аҳолинишин аз руи миқёси харита ҷойгир карда шаванд;
- Тақризи расмӣ аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати ҶТ бо тасдиқи сардори он пешниҳод карда шавад;
- Барои таҳияи «Атласи хатарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати таҳририӣ аз ҳисоби мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор ташкил карда шавад.

3. Котиботи Платформаи миллӣ дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ барои ташкили сафари расмии ҳайати Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар Конфронси сеюми умумиҷаҳонӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар шаҳри Сендай (14-18.032015) омодагирӣ намояд;

4. Таҳияи методологияи ягонаи тайёрӣ ва гузаронидани машқҳо бо наҷотдиҳандагони ихтиёрӣ дар доираи барномаҳои ДИПЕКО-8 мувофиқи мақсад дониста шавад.

Роҳбари Гурӯҳи доимоамалкунандаи

экспертии Платформаи миллӣ Ю. Мамадҷонов